# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Тағйироти куллие, ки дар ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рух медиҳанд, дар назди мактаби олӣ масъалаи омодасозии кадрҳоеро гузошт, ки дараҷаи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбиро фаро гирифта, барои худтатбиқсозӣ ва кор дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ салоҳият ва қобилият доранд. Рақобатпазирии мутахассиси асри XXI ҳам ба ихтисоси ояндаро азхуд кардани донишҷӯ, ҳам ба фарҳанги гуманитарӣ, тафаккури инкишофёфта ва тарбиятнокии ӯ вобаста мебошад.

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқоти Султонова Сурайё Абдурашидовна дар он зоҳир гардидааст, ки маводу натиҷаҳои ба дастоварда метавонад ҳамчун сарчашмаи асосӣ ба сифати таъминоти методӣ барои инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ва инчунин, ба сифати маводҳои иловагӣ дар омӯзиши фанҳои бахши педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

Тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ва маводҳои ташхисӣ метавонад барои ошкор намудани мушкилоти касбии омӯзгорон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва коркарди барномаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

Дар рисола қайд гардидааст, ки таълими таҷрибавӣ интихоб ва аз лиҳози илмӣ асоснок намудану санҷидани технологияҳои педагогӣ ва модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки ба таълими тамоюли шахсиятии забони англисӣ мусоидат

мекунанд ва ба ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён таҳрик мебахшанд.

Натиҷаҳои асосии рисола дар маводи Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, маҷмӯаҳои маводи конфронсҳо инъикос ёфтаанд, аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинар ва тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд, дар 13 мақола инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Рисолаи номзадии Султонова Сурайё Абдурашидовна аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои таҳқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеху равшан баррасӣ намудааст.

Дар боби аввал «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» муносибатҳои асосӣ дар омӯзиши мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» таҳлил карда шудаанд, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои педагогии ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои техникӣ баррасӣ карда шудаанд; муносибати шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муҳити этникӣ-фарҳангӣ ва омодасозии мутахассисони ояндаи техникӣ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст.

Дар боби дуюм «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» масъалаҳои технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, технологияҳои компютерӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои

таҳсилоти олии техникӣ ва санҷиши технологияҳои педагогие, ки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро дар таълими таҷрибавӣ таъмин мекунанд, пешниҳод карда шудааст.

Ниҳоят, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯёни забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ диссертант ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

Ҳамин тариқ, Султонова С.А. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст. Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисолаи баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

Эътимоднокии нуктаҳои рисолаи диссертатсионӣ бо роҳи муносибати комил ба масъалаҳои салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён, вусъати асоси таҷрибавӣ-санҷишии он, муносиб будан бо вазифаҳои ҷустуҷӯи илмӣ, таҷдиди натиҷаи таҳқиқоти дарёфтшуда дар вақтҳои гуногун дастрас гардид. Инчунин дараҷаи асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шудаанд; санҷиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия таъмин менамоянд.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд. ,

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат баъзе эродҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:

1. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоиҳои грамматикӣ, услубӣ ва имлоию техникӣ вомехӯранд.
2. Рӯйхати адабиёти истифодашуда баъзан мувофиқи талабот мураттаб нагардидааст.

Умед аст, ки унвонҷӯ дар атрофи эродҳои зикрёфта фикру андеша карда, онҳоро то қадри имкон ислоҳ мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонова Сурайё Абдурашидовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 -назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Аӯабдуллоҳи Рӯдакӣ — Муродов Баҳриддин Раҳмонович

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16
Тел./Факс: (+992 33 22) 2 -35-06
Email: info@kgu.tj
www.kgu.tj

Имзои Муродов Б.Р.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Аӯабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС